# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 – Таърихи ватанӣ)**

Таҳқиқи масоили таърихи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар дар солҳои охир дар таърихшиносии тоҷик бештар таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Аммо таҳқиқоти комилу фарогире, ки бевосита ба ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт бахшида шуда бошад ангуштшуморанд. Дар аксари корҳои илмии анҷомёфта таҳқиқгарон ба паҳлуҳои алоҳидаи соҳа рӯ оварда, ба пажуҳиши тасвири яклухт ва мукаммали ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёти Тоҷикистон (1924-2021) бевосита таваҷҷуҳ накардаанд.

Муҳимии диссертатсияи Н. А. Айнулозода қабл аз ҳама дар он аст, ки ӯ ҳалли масъалаи гузошташударо ба таври комплексӣ чун ҳадафи таҳқиқ қарор дода, барои пурра кардани ҷойҳои холигии мавзуъ ҷидду ҷаҳд намуда, рушди хоҷагии роҳу нақлиётро дар солҳои 1924 -2021 ҳамчун раванди ягона ва пайвастаи таърихӣ таҳқиқ намояд. Чунин равиш имкон додааст, ки робитаи байни омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ташаккули инфрасохтори нақлиётӣ возеҳан нишон дода шавад. Арзиши илмӣ ва хулосаи таҳқиқот дар он аст, ки масъалаи мазкур на танҳо аз нуқтаи назари таърихи соҳа, балки ҳамчун як ҷузъи муҳими таърихи рушди давлат ва ҷомеа дар давраи муайян баррасӣ шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» ба ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 – Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар марҳилаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи такмили

инфрасохтори нақлиётӣ аҳаммияти стратегӣ касб намудааст. Сиёсати давлатӣ дар самти рафъи бунбасти коммуникатсионӣ, ташкили долонҳои байналмилалии нақлиётӣ ва рушди имкониятҳои транзитии кишвар нишон медиҳад, ки нақлиёт яке аз соҳаҳои асосии рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат ба шумор меравад. Дар чунин шароит омӯзиши таҷрибаи таърихии рушди роҳу нақлиёт на танҳо вазифаи илмӣ, балки зарурати амалӣ низ мебошад. Таҷрибаи гузашта имконият медиҳад, ки омилҳои мусбат ва манфии рушди соҳаро муайян намуда, аз онҳо барои банақшагирии минбаъдаи сиёсати давлатӣ бояд истифода бурд. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи муаллиф мубрам буда, сохтори диссертатсия дар доираи талаботи илми муосир таҳия шудааст.

**Муҳаққиқ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро** дар таҳияи тасвири илмӣ ва мукаммали равандҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 1924–2021, бо назардошти омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба ин раванд таъсиргузор мебошанд, дида, дар ҷараёни баррасиҳо ба ҳалли аҳдофу вазифаҳои гузошташуда муваффақ шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро** усулҳои умумиилмии таърихӣ ва объективияти илмӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон дар солҳои 1924–2021 бахшида шудааст, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқот ва дар асоси анъанаҳои мавҷудаи таърихшиносии миллӣ таҳия шудааст.

Дар рисола асосҳои назарияи иқтисоди инфрасохторӣ, нақлиёт ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ, таҳкими робитаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, робитаи мутақобилаи рушди нақлиёт ва дигар соҳаҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва мудофиа дар таҳқиқот нишон дода шуда, принсипи робитаи иқтисод ва

инфрасохтор истифода гардидааст. Муҳаққиқ ба назария, фикру ақидаҳои муаллифони зиёд, ки дар илми таърихшиносии тоҷик саҳм доранд, такя намудааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ, таърихӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ ва ғайра навишта шудааст. Принсипи таърихият ҳамчун яке аз асосҳои меҳварии методологияи таҳқиқот эътироф мешавад. Истифодаи методҳои таҳлили миқдорӣ ва таҳлили сифатӣ ба амиқтар шудани муҳтавои таҳқиқ ва дақиқтар шудани хулосаҳо мусоидат кардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст равандҳои таърихии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми асри XX ва ибтидои асри XXI бо назари фарогир ва марҳилавӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Истифодаи маводди таҳқиқот имкон медиҳад, ки равандҳои рушду инкишофи соҳаи роҳу нақлиёт бо назардошти таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шакли муназзам ва таърихӣ таҳлилу таҳқиқ шаванд. Дар диссертатсия нуқтаи назар ва андешаҳои муҳаққиқони гуногун оид ба масъалаи мазкур иқтибос шуда, оростани мубоҳисаи илмӣ сифати пажуҳишро афзун гардонидааст. Нуктаҳои илмие, ки ба дифоъ пешниҳод гардидаанд, илман асоснок мебошанд.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, 6 боб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

Боби якуми рисола ***“Омӯзиши масъала ва заминаҳои ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва нақлиёт дар Тоҷикистон”*** хусусияти муқаддимавӣ ва таҳлилӣ дошта дар он, ба баррасии сатҳи омӯзиши масъала, манбаъҳои илмӣ ва заминаҳои таърихии ташаккули соҳаи роҳу нақлиёт бештар эътибор дода шудааст. Муаллиф дар ин қисм кӯшиш намудааст, ки вазъи таҳқиқоти мавҷударо на танҳо тавсиф намояд, балки аз нигоҳи интиқод камбудиҳои методологӣ ва мавзуии онро низ ошкор созад. Аз ҷумла, набудани таҳқиқоти маҷмуӣ ва яклухт оид ба рушди соҳа дар ду марҳилаи асосии таърихӣ ҳамчун яке аз холигиҳои илмӣ асоснок ва баҳодиҳӣ карда шудааст.

Таҳлили осори таърихнигорӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи роҳу нақлиёт аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногун баррасӣ гардидааст, вале аксарияти таҳқиқот хусусияти пароканда дошта, дар онҳо робитаи байни равандҳои инфрасохторӣ ва тағйироти сиёсиву иқтисодӣ ба таври кофӣ таҳлил нашудааст. Дар ин замина, истифодаи васеи сарчашмаҳои бойгонӣ, осори илмӣ ва санадҳои расмӣ ба муаллиф имконият додааст, ки таҳқиқотро дар пояи далелҳои боэътимод асоснок намояд.

Аз нуқтаи назари методологӣ, кор ба усули таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ такя мекунад, ки имкон медиҳад равандҳои рушди инфрасохтор дар робита бо тағйироти сиёсӣ ва иқтисодӣ баррасӣ гарданд. Дар маҷмуъ, боби мазкур заминаи назариявии таҳқиқотро устувор намуда, самти умумии таҳлилро муайян месозад.

Боби дуюми диссертатсия ***“Ташаккул ва рушди хоҷагии роҳ ва инфрасохтори роҳсозӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 20–40-уми асри XX”*** **унвон дошта,** ба марҳилаи ташаккули институтсионалӣ ва рушди ибтидоии инфрасохтори роҳсозӣ бахшида шудааст. Дар ин давра роҳсозӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат ташаккул ёфта, ба рушди соҳаҳои дигар таъсири назаррас расонидааст.

Дар солҳои бистум ва сиюми асри XX раванди гузариш аз шаклҳои анъанавии нақлиёт ба системаи автомобилӣ ба мушоҳида мерасад. Ташкили аввалин хатсайрҳои автомобилӣ, афзоиши воситаҳои нақлиёт ва бунёди роҳҳои нав ба тағйироти ҷиддӣ дар сохтори иқтисодии ҷомеа мусоидат намуд.

Дар ин марҳила, инфрасохтори роҳсозӣ тадриҷан ба як низоми муташаккили давлатӣ табдил ёфт ва бо рушди кишоварзӣ ва саноат робитаи мустақим пайдо кард. Ҳамзамон, таъсири шароити ҷангӣ ба соҳа сабаб гардид, ки равандҳои сохтмонӣ бо маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ шаванд, вале фаъолияти инфрасохторӣ пурра қатъ нагардид.

Қайд кардан муҳим аст, ки раванди роҳсозию рушди нақлиёт роҳи ноҳамвору мураккабро тай карда омадааст. Чунончи, ба душвориҳои давраи ҷанг нигоҳ накарда, роҳсозӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо намуда, барои таъмини ҳаракати нақлиёт ва робитаи минтақаҳо нақши муҳим бозид. Дар марҳилаи баъдиҷангӣ бошад, соҳа ба раванди барқарорсозӣ ва рушди банақшагирифта ворид гардид, ки ин барои беҳтар шудани ҳолати умумии инфрасохтор боис шуд.

Боби сеюми кор ба масъалаи ***“Аҳаммияти бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва авиатсияи гражданӣ дар тараққиёти хоҷагии халқии ҶШС Тоҷикистон”*** бахшида шуда, он фарогири рушди ду самти муҳими нақлиёт - роҳи оҳан ва авиатсияро ҳамчун унсурҳои стратегии иқтисоди миллӣ баррасӣ ва арзёбӣ мекунад. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин ду соҳа дар ташаккули робитаҳои иқтисодии дохилӣ ва берунӣ нақши калидӣ доштаанд.

Роҳи оҳан ҳамчун инфрасохтори вазнин ва дарозмуддат, бо вуҷуди шароити душвори ҷуғрофӣ, тадриҷан шакл гирифта, ба устувор гардидани робитаи байни минтақаҳо мусоидат намуд. Дар баробари ин, авиатсияи гражданӣ ҳамчун соҳаи нисбатан нав, суръати баланди ҳамгироии иқтисодиро таъмин кард.

Хусусан, рушди авиатсия боиси коҳиши фосилаҳои ҷуғрофӣ ва баланд шудани сатҳи дастрасии минтақаҳои дурдаст гардид. Ин раванд ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонид.

Боби чоруми рисола ***“Механиконидани хоҷагии роҳ ва сохтмони роҳҳои нав дар солҳои 50–80-уми асри ХХ”*** унвон дошта, он ба марҳилаи баландшавии дараҷаи технологӣ ва густариши инфрасохтори роҳсозӣ бахшида шудааст. Дар ин давра механиконии соҳа ҳамчун омили асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот баромад мекунад.

Рушди техникаи махсуси роҳсозӣ, афзоиши сатҳи мумфаршкунӣ ва тавсеаи шабакаи роҳҳо аз дастовардҳои муҳими ин марҳила ба ҳисоб меравaнд. Ҳамзамон, омодасозии кадрҳои муҳандисӣ ва таъсиси муассисаҳои таълимӣ ба таҳкими пояи илмии соҳа мусоидат намуд.

Масъалаи ***“Идомаи барқарорсозии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳани ҶШС Тоҷикистон”*** дар боби панҷуми рисола ҳамчун як марҳилаи такмили низоми нақлиётӣ дар нимаи дуюми асри ХХ баррасиву таҳлил мегардад. Дар ин давра инфрасохтори нақлиётӣ тадриҷан ба сатҳи баландтари ҳамгироӣ мерасад.

Густариши хатсайрҳои ҳавоӣ ва афзоиши ҳаҷми боркашонӣ тавассути роҳи оҳан нишон медиҳад, ки нақлиёт ба яке аз унсурҳои асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ табдил ёфтааст. Ҳамзамон, пайвастшавӣ ба шабакаҳои умумииттифоқӣ аҳаммияти стратегии соҳаҳоро боз ҳам афзоиш ва густариш дод.

Боби шашум ***“Раванди таҳаввул ва рушди соҳаи нақлиёти Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ”*** номгузорӣ шуда, муаллиф дар он марҳилаи муосири рушди инфрасохтори нақлиётиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Дар давраи истиқлолият соҳаи нақлиёт ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфта, бунёди роҳҳои байналмилалӣ, сохтмони нақбҳо ва пулҳои хурду бузург, инчунин густариши ҳамкориҳои хориҷӣ боиси татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ

гардид. Ин раванд барои Тоҷикистони соҳибистиқлол на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ, балки сиёсӣ ва стратегӣ низ дорад.

Дар марҳилаи соҳибистиқлолии кишвар роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ ва авиатсияи гражданӣ ба системаи ягонаи нақлиётӣ табдил ёфта, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ мавқеи устувор пайдо карданд. Ҳамзамон, афзоиши ширкатҳои хусусӣ ва воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди рақобат дар соҳаи нақлиёт мусоидат намуд. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин давра аҳаммияти махсус касб намуда, Тоҷикистонро ба низоми транзитии минтақавӣ ва байналмилалӣ ворид сохтанд. Ин ҳолат ба болоравии нақши геостратегии кишвар мусоидат намудааст.

Мазмуни асосии бобу фаслҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар таҳқиқи мавзуъ аз усулҳои илмии таҳлил ва ҷамъбаст самаранок истифода бурда, тавонистааст масъалаҳои марбут ба рушди соҳаи роҳу нақлиётро дар заминаи таърихӣ ва муосир ба таври мукаммал ва асоснок баррасӣ намояд.

***Дар хулосаи диссертатсия*** натиҷаи асосии таҳқиқ ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф нишон дода шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия дар заминаи истифодаи манбаъҳои ғанӣ ва гуногунҷабҳаи таърихӣ, методҳои таҳлилӣ-назарӣ ва усулҳои илмии таҳқиқотӣ асос ёфтааст. Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф овардааст, дар асоси маъхазҳо ва адабиёти илмӣ буда, онҳо муайян менамоянд, ки диссертатсия натиҷаи таҳқиқи муаллиф ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ мустақилона баён ва иҷро шудаанд. Нуктаҳои илмӣ ва хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърих мувофиқ ва хислати навгонӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дар асоси таҳқиқоти эмпирикӣ ва таҳлилӣ, фикру

андешаҳои диссертант оид ба масъалаи таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон барои муҳокимаи васеъ пешниҳод мегарданд, ки барои таҳқиқотҳои оянда дар самти омӯзиши таърихи халқи тоҷик хизмат хоҳад кард. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун пойгоҳи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои рушд, тарҳрезии барномаҳои давлатӣ ва муайян намудани сиёсати мақсадноки соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Маводи диссертатсия барои олимону муҳаққиқон дар раванди омӯзиши таърихи кишвар хизмат хоҳад кард. Натиҷаи таҳқиқро инчунин, дар раванди таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик ва навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба соҳаҳои мазкур, мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқоти мазкур,** пеш аз ҳама, дар интихоби мавзуъ, муайян намудани доираи масъалаҳои таҳқиқшаванда ва таҳияи консепсияи умумии диссертатсия ифода меёбад. Муаллиф бо такя ба омӯзиши васеи сарчашмаҳои таърихӣ, маводди бойгонӣ, санадҳои расмӣ, омори таърихӣ ва адабиёти илмӣ кӯшиш намудааст, ки раванди ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистонро дар давраи тақрибан як садсолаи таърихӣ ба таври мукаммал ва муназзам мавриди баррасиву таҳлил қарор диҳад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 31 нашрияҳои батабърасондаи муаллиф, аз ҷумла, 2 монография, 29 мақолаҳои илмӣ, ки 24 номгӯй аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардиданд, ҳамчунин 5 мақола дар маҷмуаи маводди конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи унвонҷӯ Айнулозода Нахтулло Айнуло ба

талабот ва меъёрҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо барои беҳтар гардидани сифати кори илмӣ-таҳқиқотӣ мусоидат хоҳад кард:

1. Таҳлили таърихнигории масъала ба такмили бештар ниёз дорад, зеро саҳми муҳаққиқони алоҳида дар омӯзиши таърихи соҳаи роҳу нақлиёти Тоҷикистон қисман ва ё аз ягон ҷиҳат таҳқиқ шудааст.
2. Дар Тоҷикистони давраи шуравӣ, бахусус дар солҳои 30 – 50-ум, нақлиёти обӣ (дар дарёи Панҷ ва Аму) ва роҳҳои оҳани камбар дар сохтмони Вахш ва пешрафти иқтисоди ҷануби кишвар нақши калидӣ доштанд. Аз мундариҷаи рисола бармеояд, ки муаллиф бештар бо се самти анъанавии роҳҳо (роҳи автомобилӣ, роҳи оҳани васеъ ва авиатсияи граждани̇̄) бештар диққат додааст.
3. Дар боби шашуми диссертатсия муаллиф ба тасвири хронологии сохтмону навсозии роҳҳо мароқ зоҳир намуда, мушкилоти хусусигардонии соҳаи нақлиёт, пайдоиши бахши хусусӣ, рақобат дар бозори хизматрасонии нақлиётӣ аз назари муаллиф каме дур мондааст.
4. Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил ёфтани он мебошад. Аммо ин масъала танҳо дар зербоби охирини вобаста ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷой карда шудааст. Хуб мешуд, ки ин раванд ҳамчун меҳвари сиёсати нақлиётии давлат дар замони истиқлолият, дар як зербоби алоҳида ва мустақил таҳлил карда мешуд.
5. Муаллиф рушди соҳаи нақлиёт, аз ҷумла автомобилӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳанро дар давраи таҳқиқ ба таври возеҳу равшан таҳлил намудааст.

Аммо ӯ ба масъалаи омодасозии кадрҳои миллӣ ва муассисаҳои олии таълимии омодасозии кадрҳои соҳаи нақлиёт камтар эътибор додааст.

6. Диссертант нақши нақбҳоро дар бартараф намудани мушкилоти коммуникатсионӣ бояд ҳамчун самти алоҳида таҳлил мекард.
7. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ низ ба чашм мерасанд.

Бояд зикр намуд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, қимати илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии худро пурра иҷро кардааст.

**Хулоса,** диссертатсияи унвонҷӯ Айнулозода Наҳтулло Айнуло дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди хоҷагии роҳу нақлиёт дар Тоҷикистон (солҳои 1924–2021)» ба талаботи бандҳои 31 – 35 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** Доктори илмҳои таърих,
и.в. профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон К .Д. Собирова

Имзои Қ .Д. Собироваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э. Шодихонзода

Нишонӣ: 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Спечак.2 Д.30/1 кв. 25.
Тел: (+992) 93 156 73 25.
E-mail: : sobirovakurbonbegim@gmail.ru

“18” 06 с. 2026